**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2025.**

Истиқлолу озодии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки ба ҳаёту фаъолияти чеҳраҳои намоёни таърихӣ, ки дар гузашта аз сабаби маҳдудиятҳои сиёсӣ имкони омӯзиши онҳо набуд ба таври зарурӣ корҳои таҳқиқотӣ анҷом дод. Дақиқ аст, ки дар ин кор пеш аз ҳама Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор буданд. Маҳз иқдоми наҷибони Сарвари давлат буд, ки ба чеҳраҳои таърихсози миллат, ба монанди Нусратулло Махсум таваҷҷуҳ шудаю ба унвони олии "Қаҳрамони Тоҷикистон" қадрдонӣ гардиданд.

Бисёр муҳим аст, ки корҳои алоҳидаи таҳқиқотӣ атрофи фаъолияти чунин шахсиятҳо анҷом пазирад. Зеро донистану дарк намудани нақши Нусратулло Махсум барин фарде, ки дар бунёду рушди мамлакат нақши асосӣ дорад барои ҳар фарди мамлакат зарур аст. Ин метавонад дар баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ ва тақвияти ифтихори миллӣ саҳм гузорад. Аз ин ҷиҳат, рисолаи мазкур ба яке аз муҳимтарин мавзуҳои таърихи навини Тоҷикистон бахшида шуда инъикоскунандаи хизматҳои бузурги Нусратулло Махсум дар рушду инкишофи Тоҷикистон ва ҳифзи манфиатҳои миллат дар чунин як давраи сарнавиштсоз мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки диссертант доир ба зиндагии тоинқилобии Нусратулло Махсум, пайвандонаш, ибтидои ба корҳои ҳизбию давлатӣ воридшавии ӯ, талошҳо баҳри пешрафти ҳаматарафаи Тоҷикистони навбунёд ва ғайра, маводи зиёди илмиро гирд оварда мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар автореферат тамоми талаботҳои мавҷуда риоя шуда дар муқаддима объекти мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи

таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дуруст нишон дода шудааст. Инчунин се боби диссертатсия дар автореферат ба таври фишурда ва хело фаҳмо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия доир ба вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии он замон бахшида шудааст. Аз ҷумла зикр мешавад, ки Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон 14 октябри соли 1924 таъсис ёфт. Аммо қабл аз ин дар ҷараёни корҳои омӯзишӣ барои гузаронидани тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, бо таъсири пантуркистону пайравони фиребхӯрдаашон нисбати тоҷикон, ки яке аз халқҳои қадимаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафтанд аз ҷониби масъулин ноадолатӣ зоҳир шуд. Яке аз нафароне, ки дар таъсиси давлати навини тоҷикон саҳми калидӣ гузоштааст ин Нусратулло Махсум мебошад. Ӯ ба ҳайси як нафар фарзанди тоҷик барои тантанаи ҳақиқат ва поймол нашудани манфиатҳои қонунии тоҷикон талошҳои зиёде намудааст.

Масъалаи «Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон» дар боби дуюм матраҳ шуда дар боби сеюм бошад «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX» таҳқиқ гардидааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин матни автореферат аз баъзе камбудиҳои имлоӣ холӣ нест, аммо ин наметавонад қимати илмии автореферартро паст намояд. Бо назардошти ин ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар

азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба ҳама меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Муқарриз:

Мудири кафедраи фанҳои
гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии
ИИҶ ва МБ Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон н.и.т., дотсент: Мирзоев М.Н.

**Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992) 918215536
www.iutet.tj
E-mail: info@iutet.tj**

**Тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.**

**«13» «11» соли 2025**